**Маълумотнома**
**Ба Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи алоқаи барқи, алоқаи почта ва иттилоотонӣ**

Қоидаҳои мазкур тибқи талаботҳои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи алоқаи баркӣ», «Дар бораи алоқаи почта», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017 № 265 «Дар бораи Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», Низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 апрели соли 2007 № 172 тасдиқ шудааст, Низомнома «Дар бораи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11 майи соли 2011 №252 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, санҷиши субъектҳои хоҷагидоре, ки дар соҳаи алоқаи баркӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ фаъолият менамоянд гузаронида мешавад.

Мақсад аз таҳияи Қоидаҳои мазкур баҳри иҷрои талаботҳои санадҳои дахлдори соҳа ва дар сатҳи баланд амалӣ намудани санҷиши субъектони хоҷагидоре ки дар соҳаи алоқаи баркӣ, алоқаи почта ва иттилоотонӣ фаъолият менамоянд.

Қоидаҳои зикршуда тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018 № 617 барои машварати оммавӣ дар Портали интернети ҷой дода шуда, хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шуд. Илова бар ин хулосаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудаат.

Қабули лоиҳаи Қоидаҳои зикршуда аз буҷети давлатӣ маблағгузориро талаб наменамояд.

Сардор Бег Сабур